Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-063-и назди назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Суроға: 735700, 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5. Почтаи электронӣ: info@iutet.tj

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Файзов Назруллоҳ Зубайдуллоевич дар мавзуи «Рушди маркетинги бонкии рақамӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон: консепсияҳо, воситаҳо ва самаранокӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26 – Маркетинг)**

Рушди босуръати иқтисоди рақамӣ ва ташаккули фазои нави рақобатпазир дар бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои ташкилотҳои қарзӣ имкониятҳои беназири инноватсиониро ҷиҳати баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ва васеъ намудани доираи мизоҷон фароҳам меорад. Дар шароити кунунӣ, ки равандҳои трансформатсияи рақамӣ ва татбиқи технологияҳои муосир ба омили калидии пешрафт табдил ёфтаанд, гузариш ба стратегияҳои нави тиҷоратӣ заминаи устувор мегузорад. Аз ин рӯ, таҳқиқи консепсияҳои пешқадам, татбиқи самараноки воситаҳои муосири маркетинги бонкии рақамӣ (ба мисли финтех, бонкинги мобилӣ ва экосистемаҳои рақамӣ) ва арзёбии нишондиҳандаҳои самаранокии онҳо боис ба афзоиши фоидаоварии бонкҳо, таҳкими устувории низоми молиявии кишвар ва саҳмгузории фаъол дар рушди иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад. Вобаста ба ҳолатҳои зикршуда мавзӯи диссертатсия дар яке аз мавзӯҳои актуалӣ омода карда шудааст.

Дар автореферати диссертатсия нуктаҳои муҳими таҳқиқоти илмӣ нишон дода шудааст. Дастовардҳои илмии нисбатан муҳиме, ки муаллиф мустақиман ба онҳо ноил гардидааст, дар бандҳҳои навгонӣ инъикос карда шудаанд. Муҳаққиқи дар рисолаи номзадӣ тавонистааст таҳаввулоти

назариявии рушди маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, равишҳои асосиро оид ба моҳияти маркетин, конскпсияҳо самаранокии дар соҳаи барасишавандаро дар шароити иқтисоди имруза, мавриди омузиш қарор додааст.

Таҳлил ва табақабандии васеи мафҳуми «маркетинги бонкӣ» низ дар автореферат нишон дода шудааст. Аз нигоҳи муаллиф маркетинги бонкиро ҳамчун низоми ҳамгиро дарк мекунад, ки ҷанбаҳои стратегӣ ва фаврии идоракунии бонкро фаро гирифта, ба таҳлили амиқи эҳтиёҷоти муштариён, муҳити рақобат ва тамоюлҳои технологӣ асос ёфтааст.

Дар дигар банди навгонӣ муҳаққиқ муҳтавои консепсияи маркетинги бонкии рақамӣ ба таври васеъ равшан карда шуда, вазифаҳо ва воситаҳои самарабахши он дар раванди гузариши муваффақона аз моделҳои анъанавӣ ба амсилаҳои рақамӣ ошкор карда шаванд. Натиҷаи муҳими илмӣ дар он аён мегардад, ки равиши методологии бунёди низоми маркетинги рақамӣ дар бонкҳо дар асоси принсипҳои пешқадами фардикунонӣ, бисёрканалӣ, таҳлили муосири рақамии муштариён ва ҳамгироии платформаҳои рақамӣ комилан асоснок ва устувор карда шудааст, баромад мекунанд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ дар автореферат баъзе аз норасоиҳо низ ба чашм мерасанд, аз ҷумла:

а) бо мақсади ҳалли муфассали вазифаҳои дар таҳқиқоти илмӣ гузошташуда хуб мешуд агар муаллиф таҷрибаи хориҷиро рушди маркетинги бонкии рақамӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон васеътар истифода менамуд ва онро бо таҷрибаи ватанӣ муқоиса менамуд;

б) боби дуюми диссертатсия, ки таҳлили вазъ ва арзёбии самаранокии маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаян гардидааст, хуб мешуд агар муаллиф оид ба самти мазкур дар автореферат маълумоти нисбатан пуратарро ҷой медод.

Камбудиҳои дар автореферати диссертатсия ҷойдошта характери тавсиявӣ доранд ва онҳо наметавонанд аҳамияти илмии таҳқиқотро ихтисор намоянд.

Ҳамин тавр, қайд кардан ба маврид аст, ки мазмуну муҳтавои автореферат пурра ба матни диссертатсия мувофиқат менамояд, мақолаҳои муаллиф ба мазмуни автореферат мувофиқ мебошанд ва Файзов Н.З. сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26 – Маркетинг) мебошад.


**Муқарризи расмӣ:**
д.и.и., профессори кафедраи
иқтисодиёти ҷаҳони
ДДМИТ Содиқом М.С.


*Имзои Содиқов М.С.-ро тасдиқ мекунам:*

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ Мирҷамолов М.А.

«15» 06 соли 2026


Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14
Телефон (+992) 93 508 40 76,